ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ
ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС
ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ
ФИЛИАЛИ ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ
ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ
СОҲАИ МАОРИФ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

**РУСТАМШОЗОДА ШАҲБОЗ РУСТАМШО**

*Ба истиқболи 35-солагии Истиқлолияти
давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
ва 80-солагии филиали Донишкада
бахшида мешавад.*

# ДАРЁФТ, ОМӮЗИШ ВА ПАҲН НАМУДАНИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГӢ (ДАСТУРИ МЕТОДӢ)

**Душанбе-2024**

**УДК: 371.671.+81 (075)**
**ББК: 81 (2-тоҷ.)**
**Р –88**

Рустамшозода Шаҳбоз Рустамшо. Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ (дастури методӣ). – Душанбе: «Матбаа», 2024. –72 с.

**Муқарризон:**
Собирзода Сафарбек,
н.и.п., дотсент, муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

**Шавкат Каримзода,**
н.и.п., дотсент, директори маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Муҳаррири масъул:**
Умаров Саидшо,
мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии филиали Донишкада дар шаҳри Кӯлоб

Дастури методии мазкур ба яке аз самтҳои муҳими фаъолияти муассисаҳои таълимӣ, миёнаи касбӣ ва таҳсилоти олии касбии баъдидипломӣ ва дигар муассисаҳои зертобеи вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар муайян намудани беҳтарин омӯзгорону кормандони пешқадами соҳаи маорифи кишвар мусбат арзёбӣ мегардад.

Дар дастур дар бораи аҳамияти омӯзиш, ҳадаф, моҳияти омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, тарзи ҳуҷҷату ҳуҷҷатнигории объекти омӯзиш ва роҳҳои паҳн намудани он ба таври муфассал оварда шудааст.

Ҷайи зикр ва қайд аст, ки бори аввал дар чунин шакли нав омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ

мавриди таҳқиқ қарор мегирад. Дастури пешниҳодшуда барои доираи васеи кормандони соҳаи маорифи кишвар пешбинӣ ва муфид арзёбӣ мегардад. Бояд гуфт, ки омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар заминаи дарёфти объекти омӯзиш, таҳқиқ ва роҳҳои паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар заминаи филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб сурат гирифтааст.

Дар асоси боби 2-и банди 17-и Низомномаи филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Кӯлоб, ки бо қарори шурои олимони Донишкада аз 28.10.2024, №10/5 тасдиқ шудааст, тартиб дода шудааст.

*Бо қарори шурои илмӣ-методии филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб аз 31.10.2024, №9 ба чоп тавсия дода шудааст.*

**ISBN:**

Мундарича


| | |
|---|---|
| Муқаддима………………………………………........... | 5 |
| Ҳадафи омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ.......................................... | 8 |
| Роҳҳои дарёфти объекти таҷрибаи пешқадами педагогӣ........................................................................ | 13 |
| Ҳолати ҳуҷҷату ҳуҷҷатнигории объекти омӯхташаванда........................................................ | 15 |
| Роҳҳои тарғибу ташвиқ ва муаррифии объекти омӯзиш........................................................................ | 17 |
| Восита ва роҳҳои ҷамъбасткунии таҷрибаи пешқадами педагогӣ................................................... | 21 |
| Замима........................................................................... | 22 |
| Хулоса........................................................................... | 70 |
| Рӯйхати адабиёт........................................................ | 71 |

# Муқаддима

**“Тайёр кардани кадрҳо ва тавассути бозомӯзиву такмили ихтисос баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки ба ҳалли онҳо бояд эътибори ҷиддӣ дода шавад”.**

*(Иқтибос аз суханронии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон. 14.10.2024, шаҳри Хоруғ)*

Маориф дар ҳамаи давру замон чун соҳаи калидӣ ва муҳим арзёбӣ мегардад. Дарёфт, омӯзиш ва тарғибу паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ (минбаъд ТПП) бошад, пеш аз ҳама, ҷиҳати дарёфти омӯзгорони муваффақ, навовари соҳаи маориф ва дигар муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ, варзишӣ маҳсуб меёбад. Дар аксарияти ҳолатҳо зимни гузаронидани курсҳои такмили ихтисос, семинарҳои мақсаднок, машваратҳои августӣ ва дигар чорабиниҳо истеъдоди баланди касбӣ ва дастовардҳои бузурги омӯзгорон эҳсос мегардад. Омӯзишу паҳн намудани технологияи педагогии онҳо, роҳҳои самараноки омӯзиши фанни таълимӣ ва заминаҳои ташаккул ва рушди савияи дониши хонандагон дар асоси таҷрибаи пешқадами фаъолияти кории онҳо боиси боз ҳам беҳтар гардидани сифати таълим мегардад. Вобаста ба ин, дастури мазкурро бо илова гаштани тартиби дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ, намунаи номгӯйи ҳуҷҷатҳо барои омӯзиш ва тартиби паҳн намудани ТПП манзури хонандагон мегардонем.

Дар дастури методӣ оид ба ҳадаф, дарёфти объекти таҷрибаи пешқадами педагогӣ, роҳҳои омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, роҳҳои тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани он дар сатҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ ва ҷумҳурӣ андешаронӣ намудем. Чунон ки, таҷрибаҳо нишон медиҳанд дар аксари муассисаҳои таълимӣ омӯзгорони ҷавону собиқадор, соҳибмактаб, навовар ва дорои дастовардҳои бузурги илмию таълимӣ ва байналмилалӣ кору фаъолият мекунанд, ки муаррифии он вазифаи асосии мо кормандони соҳаи маориф мебошад. Дар ин росто, омӯзиши

фаъолияти илмию таълимӣ ва технологияи баланди педагогии онҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, вазифаи асосии муассисаҳои таълимӣ, шуъбаҳои маориф, бахшу Раёсатҳои маориф, марказҳои таҳсилоти иловагӣ, Донишкадаи такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, маркази таълимиву методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии онҳо мебошад.

Бо мақсади муайян намудани омӯзгорони навовар, эҷодкор, ки яке аз омилҳои беҳтар намудани сифати таҳсилот маҳсуб меёбад, ТПП омӯхта мешавад. Тарғибу ташвиқи таҷрибаи пешқадами педагогӣ барои баланд бардоштани дониш, малака ва маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва паҳн намудани ТПП-и онҳо буда, дар ин замина ҷиҳати рушди салоҳиятҳои фаннии хонандагон низ нигаронида мешавад. Дар баробари ин, танҳо ба воситаи ташвиқу тарғиби ТПП-и омӯзгорони пуртаҷриба ва эҷодкор барои дигар гурӯҳи омӯзгорон дар самти фаъолияти корӣ ва таълимӣ мусбат арзёбӣ мегардад.

Таҷрибаи пешқадами педагогӣ қоидаҳои муайяни омӯзиш ва паҳнсозӣ дошта, дар баробари дигар паҳлуҳои мусбат, инчунин, дорои низоми дастурии назариявӣ, ташкил ва баргузории раванди корҳои методӣ, методу усулҳои омӯзиш, шакл ва воситаҳои дарёфти омӯзгорони муваффақи муассиса, ки боиси натиҷаҳои баланди таълимиву тарбиявӣ гаштаанд, мебошад. Барои омӯхтан, муаррифӣ ва паҳн намудани ТПП, аз шахси таҷрибаомӯз салоҳиятҳои баланди касбиро талаб менамояд. Ӯ бояд ҳамчун методисти нуктасанҷ, омӯзгори босалоҳият, навовар бошад, ки дар рафти омӯзиш ба объекти интихобкардаи худ тавсияҳои методӣ ва кӯмак карда тавонад. Яъне, роҳҳои дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи педагогии як омӯзгор барои тамоми доираи кормандони соҳаи маориф ва ҷомеа фаҳмо ва намуна бошад, ба талаботи илмию методӣ, педагогию психологӣ ва методологии фан зич алоқаманд бошад. Тавсияҳои методӣ ва таҷрибаи ғании объект тарзе тарғиб гардад, ки барои гурӯҳи омӯзгорону хонандагон дастрас ва фаҳмо бошад.

Аз доираи васеи хонандагон, омӯзгорон, муҳаққиқон ва методистону кормандони соҳаи маориф эҳтиромона хоҳишмандем, ҷиҳати ба чашм расидани норасоиҳои дастури мазкур ба нишони электронии зерин rustamsho-90@bk.ru фикру андешаҳои худро пешниҳод намоянд. Барои боз ҳам хубтару беҳтар нашр гаштани он дар нашрҳои минбаъда онҳоро мавриди ислоҳ қарор дода, дастраси васеи хонандагону омӯзгорон гардонида мешавад.

Муаллиф

## Ҳадафи омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ

Дарёфт, омӯзиш, ҷамъбаст, тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани ТПП, дорои аҳамияти илмиву методӣ буда, вазифаи асосии омӯхтани он аз дарёфт намудани роҳҳо, усулҳо, методҳо ва равишҳои нави таълимӣ ҷиҳати боло бурдани сатҳу сифати дониши хонандагон, ташаккулу рушди тафаккури онҳо, самаранок истифода бурдани навгониҳои эҷодии омӯзгорони пешқадам дар раванди таълим ва монанди инҳо иборат аст.

Соҳаи маорифи кишвар зери таваҷҷуҳи доимии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад. Пешвои миллат дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) таъкид намудаанд, ки: *«Моро зарур аст, ки боз ҳам зиёдтар заҳмат кашида, ба масъалаи таълиму тарбия афзалияти бештар диҳем, сатҳу сифати таълимро дар ҳамаи зинаҳо беҳтар кунем, барои таҳсилоти босифат аз тамоми имконот истифода карда, заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимиро таҳким бахшем ва самарабахшии фаъолияти онҳоро таъмин намоем»*[1] [1, с.5]

Аз ин рӯ, омӯхтани ТПП барои пайдо кардани ақидаҳои пешбар низ ёрӣ мерасонад. Солҳои охир аз тарафи баъзе методистон ва муҳаққиқон ба масъалаи омӯзиш, ҷамъбаст ва паҳн намудани ТПП ва дастраси омӯзгорони дигар гардонидани он аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад. Аз тарафи дигар паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навҷую эҷодкор ба бою ғанӣ гардонидани илми педагогика ва баланд бардоштани маҳорати педагогии омӯзгорони ҷавон мусоидат менамояд. Ҷамъбаст намудани ТПП имконият фароҳам меорад, ки масъалаҳои мубрами илмӣ-методӣ ҳалли худро пайдо намоянд.

Аз ин гуфтаҳо чунин хулоса бармеояд, ки паҳн намудан ва дар таҷрибаи муассисаҳои таълимӣ татбиқ намудани ҳар як ТПП муфид аст. Таҷрибаи омӯзгорони навоварро амиқ, ҳаматарафа таҳлил, ҷамъбаст ва паҳн намудани онҳо ниҳоят

[1].Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Газетаи Омӯзгор 28 декабри соли 2017.с.5.

зарур аст. Саволе ба миён меояд, ки нишонаҳои дарёфт ва омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ кадомҳоянд? Таҷрибаи пешқадами педагогиро аз рӯйи кадом нишонаҳо фарқ кардан мумкин аст? Ба кадом талаботи асосӣ бояд ҷавобгӯ бошад? Объекти интихобшуда дорои кадом салоҳиятҳо бошад? Тартиби омӯзиши ТПП бо риояи кадом намуди ҳуҷҷатҳо сурат мегиранд?

Ин ва дигар саволҳое мавҷуданд, ки омӯзгорон мехоҳанд донанд ва истифода намоянд. Нишонаҳои фарққунанда ва муҳимтарини омӯзиши ТПП аз инҳо иборат аст:

-самти омӯзиши фаъолияти объекти интихобшуда ба талаботи инкишофи хонандагон, мувофиқи нақшаву барномаҳои таълимӣ, методикаи муосири таълим, ё худ ба дарки ҷомеа мувофиқ будани он мебошад;

- аз ҷиҳати вижагиҳои педагогиву психологӣ устувор будани натиҷаҳои амалии он бисёр муҳим мебошад. Яъне, технологияи педагогии омӯхташаванда барои рушди касбии дигар омӯзгорон мусбат арзёбӣ мегардад;

-омӯзиш ва паҳн намудани ТПП сарфи зиёди қувва ва вақти омӯзгорро мегирад. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ ин маҳорати баланду натиҷаи назарраси омӯзгорист;

Ташаккул ва рушд додани методу усулҳои нави таълим бодарназардошти омӯзиши ТПП сатҳи ҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, барои муайян ва ошкор намудани роҳу воситаҳои омӯзиши муосири таълим:

-баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон;

-дарёфт, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи омӯзгорони боистеъдоду қобилиятнок;

-барои дарёфти роҳҳои нави омӯзиши фан ба воситаи мушоҳида ва мусоҳиба бо объекти омӯхташаванда;

-иштирок дар дарсҳои амалӣ, назариявӣ, лабораторӣ, таҷрибавӣ, чорабиниҳои беруназсинфӣ ва таҳлил кардани онҳо;

-дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани самти ҳуҷҷатнигории омӯзгори пешқадам ба хотири рушди маҳоратҳои касбии дигар омӯзгорон;

-ташаккул ва рушди маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон мувофиқи салоҳиятҳои касбии онҳо ва монанди инҳо иборат аст.

## Шакл ва самтҳои асосии омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ

Дар омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ, пеш аз ҳама, дарёфти объекти омӯхташаванда муҳим аст. Объект бояд дорои салоҳиятҳои баланди касбӣ ва тахассусӣ бошад, инчунин, дастовардҳо, натиҷаҳои амалии фаъолияти ӯ давоми кор, методологияи баланди касбию педагогӣ ва намунаи беҳтарини симои омӯзгори муваффақро дошта бошад.

Шаклҳои асосии омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ гуногун мешаванд, аз ҷумла:

**-инфиродӣ.** Дар шакли инфиродӣ омӯхтани объекти мавриди таҳқиқ танҳо ба фаъолияти кории як омӯзгор, директор, ҷонишинони директор, мураббия ва ё дигар гурӯҳи кормандони соҳаи маориф, дар назар дошта шудааст;

**-гурӯҳӣ.** Шакли дигари омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ ин гурӯҳӣ мебошад. Таҷрибаомӯз объекти худро дар асоси фанни таълимии ихтисоси худ интихоб карда, як гурӯҳи омӯзгорони фанниро ба ҳайси объекти омӯзиш қарор медиҳад. Яъне, ҳолати амалишавии тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар мисоли таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони МТМУ ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ё ҳолати ҳуҷҷатнигории иттиҳодияи методии омӯзгорони фанни таърих ва ҳуқуқ дар МТМУ №5-и шаҳри Кӯлоб ва ғайра.

**-коллективӣ.** Омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии коллективӣ хеле муҳим ва мураккаб аст. Дар ин самт, таваҷҷуҳ ба фаъолияти коллективи муассисаи мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баррасӣ қарор мегирад.

Дар «Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика» шарҳи таҷрибаи пешқадами педагогӣ ва мақсади омӯзиши он чунин зикр шудааст: *“Таҷрибаи пешқадами педагогӣ, як шакли омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи муаллимони пешқадам, роҳбарони синф, директорони мактабҳо, мураббиён ва падарону модарон оид ба кори таълиму тарбия. Таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба воситаи ташкил намудани суҳбат,*

*маърӯза, дарсҳои кушод, конференсияҳо, хонишҳои педагогӣ, ВАО ва ғайра паҳн карда мешавад”.*[2]

Дар ҷараёни таълими имрӯза омӯзгороне кор мебаранд, ки омӯхтану умумӣ гардонидани таҷрибаи пешқадами онҳо танҳо ба манфиати умум аст. Ин гурӯҳи омӯзгорон соҳиби таҷрибаи ғанӣ, пешқадам, эҷодкору ташаббускор, иштирокдори чорабиниҳои гуногун, аз ҷумла озмунҳои фаннӣ, “Омӯзгори сол”, “Мураббии сол”, семинарҳо, дарсҳои намунавӣ буда, дар ҷараёни таълим аз воситаҳои техникӣ низ моҳирона истифода намуда, ба муваффақиятҳо ноил гардида истодаанд. Бинобар ин, омӯхтан ва оммавӣ кунонидан таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони фаъол, дастгирӣ ва ҳавасманд кардани онҳо яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи роҳбарони муассисаҳои таълимӣ, мушовирони бахшу шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо мебошад, ки барои баланд бардоштани мазмун ва сифати таълим дар муассисаҳо басо муфид аст. Дар ин ҷараён ба фаъолияти омӯзгороне, ки имрӯз дар ҷараёни таълим аз методҳои наву замонавӣ, технологияҳои педагогии нав, дарсҳои намунавӣ самаранок истифода мебаранд ва шогирдонашон дар озмунҳои муассисавӣ, ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, ҷойҳои намоёнро гирифтаанд, дар мусобиқаҳои гуногун фаъолона иштирок кардаанд, эътибори хосса дода мешавад. Таҷрибаҳои пешқадами педагогии омӯзгорон, пеш аз ҳама, дар гузаштани дарсҳои кушоди намунавӣ, дараҷаи дониши шогирдон, дастовардҳо дар ҷараёни таълим, иштироки фаъолашон дар семинару тадбирҳои гуногун, аз воситаҳои иттилоотии коммуникатсионӣ моҳирона истифода бурдан, донишу маҳорат ва малакаи худро дар амал татбиқ карда тавонистанашон намоён гардида, оммавӣ кунонида мешавад. Ин ҷараён дар 4 зина омӯхта ва ба амал бароварда мешавад.

**Зинаи аввал** аз муассиса оғоз гардида, таҷрибаи омӯзгор аз ҷониби иттиҳодияи методии фан омӯхта шуда, маводи умумикардашуда ба шурои педагогии муассиса

[2] Нуриддинов Г.Н., Обидов И.О., Раҳимов Х., Акрамов А., Раҳимов Б.Р., Раҳимов М.Р., Носиров Т.Ҳ., Каримова О., «Луғати тафсирии истилоҳоти педагогика». -Душанбе: Нашриёти «Маориф»- 1998

ҳавола мегардад. Дар асоси қарори шурои педагогӣ таҷрибаи пешқадами омӯзгорони фан дар давоми соли хониш омӯхта шуда, барои омӯзиш дар миқёси ноҳия ба шуъбаи маориф пешкаш карда мешавад. Барои омӯхтани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовар, қарори махсуси шурои шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо ва қарори кабинети методии шуъбаҳои маориф қабул гардида, дар асоси қарори шурои педагогии муассиса, тавсифномаи роҳбари муассиса ва маводе, ки оид ба фаъолияти омӯзгор ҷамъоварӣ шудаанд, омӯхта мешавад. Таҷрибаи пешқадами омӯзгорон дар ноҳия тавассути баромадҳои ӯ дар семинарҳои ноҳиявӣ, дарсҳои намунавӣ, иштирок ва баромадҳои ӯ дар воситаҳои ахбори умум, таҳияи тавсияҳои методӣ ва видеодарсҳо, сифати таълими хонандагон, истифодабарӣ аз технологияҳои нави таълим, воситаҳои техникӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ омӯхта шуда, дар миқёси ноҳия паҳн карда мешавад. Баъди он ки таҷрибаи омӯзгор пурра омӯхта шудаву дар чанд муассисаи ноҳия оммавӣ гардонида мешавад, ҳамон таҷрибаҳоро барои боз ҳам мукаммалтар омӯхтан ва оммавӣ гардондан аз ҷониби шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо ба Раёсати маорифи вилоят пешниҳод карда мешавад.

Ҳамин тавр, ТПП зина ба зина омӯхта ва оммавӣ мегардад. Оммавӣ кунонидани таҷрибаи пешқадам, пеш аз ҳама, барои баланд бардоштани мазмун ва сифати таълим нигаронида шуда, барои омӯзгорони ҷавон низ муассисаи таҷриба маҳсуб ёфта, ҳамчун дастурамал хизмат хоҳад кард. Барои омӯхтан ва оммавӣ кунонидани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:

-намунаи нақшаи яксоатаи дарсӣ аз фанни таълимӣ;

-намунаи нақшаи яксоатаи тарбиявӣ;

-намунаи нақшаи тақвимӣ;

-намунаи нақшаи маҳфилҳои фаннӣ;

-намунаи нақшаи худомӯзӣ;

-ҳолати пур намудани дафтари синф;

-шарҳи ҳол, тавсифнома, маълумотнома аз муассиса, нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ ва ғайра.

## Роҳҳои дарёфти таҷрибаи пешқадами педагогӣ

Объекти омӯхташаванда бо роҳҳои гуногун интихоб карда мешавад. Дарёфти объект дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он бо роҳҳои зерин интихоб карда мешавад:

-бо истифодаи пурсишномаҳо ва усулҳои махсус, дар раванди курсҳои такмили ихтисос, ки маҳорату малакаи педагогӣ ва тахассусии омӯзгорро муайян мекунад;

-арзёбӣ, натиҷагирӣ ва самаранокии курсҳои такмили ихтисос бо истифодаи гурӯҳҳои алоҳидаи корӣ, ки маҳорати омӯзгорро пас аз курс муайян мекунад;

-дар раванди семинарҳои мақсадноки нақшавии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, семинарҳои омӯзишӣ, ки аз тарафи Вазорати маориф ва илм ва шарикони рушд;

-иштироки кормандони Донишкада ва филиалҳои он дар раванди баргузории семинарҳои доимамалкунандаи методии шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;

-пешниҳоди шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ оид ба омӯзгорони баландихтисосу соҳибтаҷриба ва дорои дастовардҳои зиёд дар соҳаи маориф;

-дарёфти омӯзиши ТПП ин ғолибони даври вилоятӣ ва ҷумҳуриявии “Омӯзгори сол”, “Мураббии сол” ва дигар ғолибони озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

Вобаста ба роҳҳои дарёфт ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ андешаву нуктаҳои зиёд мавҷуд аст, аммо мақсади омӯзиш, воситаву усулҳои омӯзиш, натиҷаҳои амалии омӯзиш барои рушди маҳорати касбии дигар омӯзгорон ва, дар ин замина, беҳтар гардидани савияи дониши хонандагон равона карда мешавад.

Чунон ки маълум гашт, дарёфти объекти омӯхташаванда дар баробари гурӯҳи омӯзгорони фаннӣ шахсони дигаре, ки таваҷҷуҳи некбинона ба соҳаи маориф доранд, мавриди омӯзиш қарор дода мешаванд.

Инчунин, фаъолияти хуби кумитаи падару модарон, ки дар рушди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла ҷиҳозонидани

кабинетҳои фаннӣ ва лабораторӣ, омода намудани хонандагон ба ҳаракати олимпӣ ва дастгирии молиявии онҳо ба озмунҳои ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва саҳми худро мегузоранд, омӯхта мешаванд.

Барои омӯхтани ТПП талаботи зерин барои интихоби объекти омӯхташаванда муҳим аст:

- омӯзгоре, ки методикаи таълими фанни худро хуб медонад;
- аз асбобҳои аёнӣ, воситаҳои техникии таълимӣ моҳирона истифода бурда метавонад;
- пайваста аз пайи ҷустуҷӯйи корҳои эҷодӣ, роҳу усулҳои нави беҳтар кардани таълиму тарбия ва баланд бардоштани сифати дониши худ ва хонандагон бошад;
- ҳамкории педагогиро хуб ба роҳ монда тавонад;
- барои ташаккул додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон дарсҳои худро эҷодкорона гузарад;
- баҳри ҳаматарафа босавод кардани шогирдон саъю кӯшиш намояд;
- ба талаботи илмҳои педагогӣ, психологӣ, методикаи таълими фан ва физиологӣ ҷавобгӯй бошад;
- таҷрибаи пешқадами ӯ тарзе оммавӣ гардад, ки истифодабарии он имкони тағйирдиҳии самтҳои таълиму тарбияро дошта бошад;
- дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони дигар низ саҳм гузошта тавонад ва монанди инҳо.

## Ҳолати ТПП ҳуҷҷату ҳуҷҷатнигории объекти омӯхташаванда

Яке аз талаботи муҳим ва мақсаднок барои омӯзиши ТПП мебошад. Бояд гуфт, ки пас аз инихоби объекти омӯхташаванда ин ҷамъоварии маълумоти зарурӣ ва ҳуҷҷатҳо мебошад. Барои шахси таҷрибаомӯз кадом номгӯйи ҳуҷҷатҳо лозим аст? Кадом самти омӯзиши объект ба сифати таҳсилот таъсир мерасонад? Барои омӯзгорони ҷавон чӣ таъсир мерасонад ва монанди чунин саволҳоеанд, ки барои хонандагон ва таҷрибаомӯзон муҳим аст.

Мавриди қайд аст, ки барои расмӣ кунонидани раванди омӯзиш ва оммавӣ гардонидани объекти омӯзиш ду навъи номгӯйи ҳуҷҷатҳо лозим аст:

а) ҷамъоварии номгӯйи ҳуҷҷатҳои омӯзгор.

б) ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо барои расмӣ омӯхтани ТПП-и омӯзгор.

Барои ба танзим ва расмӣ кунонидани ТПП мо бояд чунин ҳуҷҷатҳоро аз соли якуми омӯзиш то ҷамъбаст ва паҳн намудани он лозим аст:[3]

- - маълумоти ибтидоии пешакӣ дар бораи объекти омӯзиш, мавзуъ, мақсад, вазифаҳои асосии омӯзиш;
- - аз тарафи объект омӯзиши адабиёти лозима, маводи методӣ, аснодҳои давлатию меъёрӣ-ҳуқуқӣ;
- - муқаррар намудани муҳлати омӯзиш, ҳамкории шахси омӯзанда бо маъмурияти муассиса;
- - шинос шудан бо шароити кори омӯзгор, ҳолати ҳуҷҷатдории ӯ;
- - дар бораи объект ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ: ному насаб, сол ва моҳи таваллуд, маълумот, собиқаи корӣ, ихтисос, шуғли дӯстоштааш, ҳолати саломатӣ, шароити зиндагӣ, сарбории дарсӣ, унвону мукофотҳо, мақола ва корҳои эҷодии ӯ ва ғайра;
- - такмили ихтисоси омӯзгор, самтҳои асосии худомӯзӣ, таъминот бо адабиёт ва дастурҳои таълимию методӣ,

[3].Вобаста ба шакли муассиса ва ҷойи кори таҷрибаомӯз номгӯйи ҳуҷҷатҳо тағийр меёбанд. Мо тартиби зеринро дар асоси ҳуҷҷатнигории Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф нишон додем.

нашрияҳои даврӣ, маводи ахборотию иттилоотӣ тавассути шабакаи интернет;

- - омӯзиши ҳуҷҷатҳои зарурии объект: нақшаи тақвимӣ-мавзуӣ, нақшаи дарсӣ, дафтарҳои корӣ, аёнияту маводи дидактикӣ, маърӯзаҳои илмию методӣ, ҳуҷҷатҳои роҳбари синфӣ ва мураббиягӣ, корҳои эҷодии хонандагон, нақшаи маҳфилҳои фаннӣ;
- - иштирок ба дарси он, мушоҳидаи эҷодкории омӯзгор, истифодаи бонизоми вақт ва усулҳои фаъоли таълим, ҷанбаи тарбиявии дарс, дониши хонандагон, фаъолгардонию фаъолиятнокии синф, алоқамандии байни фанҳо, тарзи пурсиши вазифаи хонагӣ, меъёри баҳогузорӣ, инкишофи нутқи хаттӣ ва шифоҳии хонандагон;
- - проблемагузорӣ дар дарс, иштироки ӯ дар чорабиниҳои беруназсинфӣ ва ғайра.

Ин самти омӯзиш аз ҳуҷҷатҳои зерин иборат аст, ки намунаи онҳоро мо ба таври намуна дар замима нишон додаем.

Ҷойи зикр аст, ки мо вобаста ба нақшаи дурнамои ТПП ва то ҷамъбасти ТПП дар бораи объекти омӯхташаванда ҳуҷҷатҳои лозимаро ҷамъоварӣ мекунем, ки барои боз ҳам фаҳмо гаштани доираи васеи хонандагон овардани номгӯи ҳуҷҷатҳоро лозим донистем:

1. Шарҳи ҳол;
2. Нусхаи шиноснома, диплом, сертификату шаҳодатномаи курси такмили ихтисос ва ғайра;
3. Варақаи кадрии №1 ва 2;
4. Тавсифнома аз директори муассиса;
5. Рӯйхати таълифоти илмӣ-методӣ ва оммавӣ;
6. Намунаи нақшаи яксоатаи дарсӣ, нақшаи тақвимӣ, нақшаи худомӯзӣ, маҳфили фаннӣ, роҳбари иттиҳодияи методӣ (агар роҳбари маҳфил ё иттиҳодияи методӣ бошад);
7. Рӯйхати дастовардҳои шогирдон ва замима гаштани онҳо дар портфолио ва ғайра.

Ғайр аз ин, барои омода намудани портфолио ва расмӣ омӯхтани объекти интихобшуда ҳуҷҷатҳоро аз муассиса то сатҳи болоӣ омода мекунем.

## Роҳҳои ҷамъбаст, тарғиб ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ

Дар асоси сарчашмаҳои таълимӣ ва таҷрибаи корӣ маълум мегардад, ки омӯзиши ТПП барои омӯзгорони муваффақу навовар хеле муҳим аст. Роҳҳои ҷамъбасти он гуногун буда, роҳи аз ҳама маъмули он дар сатҳи муассисаҳои таълимӣ то шуъбаи маорифи шаҳру ноҳияҳо ва бахшу раёсатҳои маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо мебошад.

Пас аз се соли омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ мо объекти омӯхташавандаро дар шаклҳои гуногун тарғибу ташвиқ менамоем. Омӯзиши ТПП набояд аз се сол зиёд бошад. Бояд махсус қайд намуд, ки вобаста ба хулосаи муқарризон ва шахсони босалоҳияти шуъба, кафедра, бахш ва муассиса, ки таҷрибаомӯз дар он ба ҳайси корманди асосӣ кор мекунад, дар сатҳи ноҳия, шаҳр, вилоят, ҷумҳурӣ ва ҳатто байналмилалӣ муайян карда мешавад. Дар ҷамъбасти омӯзиши ТПП ҳам қарори кафедра ва шурои муассиса ҷиҳати ба анҷом расонидани таҷрибаи педагогии объекти омӯхташаванда ба тавсиб мерасад, ки дар замима намунаи онро мо нишон додаем (қарорҳо замима мегардад).

Шаклҳои гуногуни ҷамъбасти ТПП мавҷуд аст. Дар ин замина, воситаҳои асосӣ ва муҳим, ки барои рушди касбияти дигар гурӯҳи омӯзгорон ва доираи васеи кормандони соҳаи маориф мусбат арзёбӣ мегардад, чунин ташвиқу тарғиб кардан ба мақсад мувофиқ аст:

**-намоишӣ.** Ин шакли паҳн намудани ТПП тариқи намоишномаи дастовардҳои объект, пас аз 3 соли омӯзиш дар сатҳи муайян нишон дода мешавад;

**-таҳияи портфолио.** Тамоми дастовардҳои объекти интихобшуда тариқи портфолио ҷамъоварӣ гашта, дар КТИ ва семинарҳо, машваратҳои августӣ ва дигар чорабиниҳо муаррифӣ карда мешавад;

**-сохтани пайкараи объекти интихобшуда дар интернет**. Мо дар замони рушди бемайлони техникаву технологияи нави иттилоотӣ қарор дорем. Барои оммавӣ ва паҳн намудани ТПП то сатҳи байналмилалӣ тариқи ТИК паҳн намудани ТПП бисёр муҳим ва муосир аст. Сохтани

пайкараи объекти омӯхташаванда, ки он фарогири тамоми самтҳои фаъолияти объектро дар бар мегирад, ба мақсад мувофиқ аст. Ҳатто кушодани саҳифаҳои алоҳидаи интернетии омӯзишӣ, ки хеле муассир аст, талаби замон мебошад.

**-дастурҳои методӣ**. Тариқи дастури методӣ паҳн намудани ТПП, ки аз шарҳи ҳол то роҳҳои гузаронидани машғулиятҳои амалӣ ва назариявии фанни таълимӣ оварда мешавад, оммавӣ кунонидани он муҳим аст;

**-таҳияи барномаҳои алоҳида дар ВАО**. Паҳн намудани ТПП дар замони муосир тариқи ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ муассиртар ва дастрас мебошад, чунки аксарияти ҷомеаи шаҳрвандӣ самаранок истифода мебаранд. Тариқи барномаҳои махсуси телевизионӣ, радиоӣ ва рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ нашр намудани мақолаҳо яке аз самтҳои дигари паҳн намудани ТПП мебошад. Ин роҳ низ барои дастрасии омӯзгорон ва хонандагон муфид аст.

Барои омӯзиш ва паҳн намудани ТПП дар ҷаласаву шуроҳои муассисаҳои таълимӣ бояд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳем. Пеш аз ҳама, аввали соли омӯзиш ба хотири омӯзиш ва паҳн намудани объекти омӯхташаванда ва пас аз ҷамъбасти объект дар соли сеюми омӯзиш қарорҳои дахлдор ба тавсиб мерасанд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти объект аз иттиҳодияи методӣ сар карда то чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ арзёбӣ ва натиҷагирӣ карда мешавад. Яъне, нақши ӯ дар гузаронидани дарсҳои кушод, маҳфилҳои фаннӣ, ҳолати ҳуҷҷатнигорӣ дар муассиса, озмунҳо ба хотири маҳорати касбӣ, фаъолияти эҷодии ӯ, гузаронидани семинару машваратҳои августӣ, баромад дар ВАО, таҳияи мақолаву дастурҳои методӣ, иштирок дар мизҳои мудаввар ва конференсияҳои сатҳи гуногун мавриди омӯзиш қарор дода мешавад.

Ҷамъбасткунии объекти омӯхташаванда аз ҳама қисмати муҳими омӯзиши ТПП мебошад. Тамоми кори се солаи худро бояд бо натиҷаҳои назарраси объект ҷамъбаст менамоем. Асосан, ҷамъбасткунӣ як раванди муҳими эҷодӣ буда, ба таҳлил, мушаххаскунонии маводи гирдоварда ва коркарди илмӣ, методӣ ва омӯзгорӣ алоқаи зич дорад. Натиҷаи кори омӯзгор ва маълумоти ҷамъоварда дар бораи

кори муаллим, мураббӣ ва ё дигар корманди соҳаи хоҷагии халқ бо далелҳои равшан ва асоснокшуда ошкор ва барои истифодабарӣ ташвиқ карда мешавад. Яъне, тарз, усул, метод, рафтор ва технологияи баланди педагогии омӯзгор барои дигар омӯзгорони соҳа ва истифодабарии дигарон ба мақсад мувофиқ аст. Дар ин сурат зарур аст алоқаи байни онро нишон дод, ки омӯзгор аз натиҷаҳои ноилгардида дар кори таълиму тарбия чиро истифода мебарад. Ин тавсири таҷриба ҳаматарафа вусъатбахшӣ ва истифодабарии кори дигар омӯзгорро равшан мекунад. Барои ҷамъбасткунии ТПП тавсия дода мешавад, ки натиҷаҳои бадастомадаи объектро дар асоси амалҳои зерин нишон диҳад:

-тавсифи шароитҳои махсусе, ки дар он омӯзгор бо хонандагон кор мекунад ва ё машғулиятҳои гуногун дар он ҷо гузаронида мешавад;

-гирдоварии маълумоти асосӣ дар бораи базаи моддӣ - таълимӣ, аз ҷумла озмоишгоӣ, синфхонаҳои таҷрибавӣ, воситаҳои асосии таълим, заминҳои таҷрибавӣ, муассисаҳои такягоҳӣ ва монанди инҳо;

-нишон додани усулҳои таълим, усули назорати давомот, шаклҳои таълим, воситаи таълим, ки бо муваффақият ва аксаран дар кори амалия истифода карда мешавад;

-дақиқ омӯхта шавад, ки методологияи истифодашудаи омӯзгор ба хонандагон таъсири мусбат расонида, барои амалигардонии донишҳои худ дар ҳаёт истифода мебаранд;

-ошкор ва асоснок намудани дастовардҳои тозаи фаъолияти педагогӣ, коре, ки дар он омӯзгор, мураббӣ ба фаъолияти худ такя мекунад ва ба даст овардааст;

-ошкор бояд сохт, ки кадом талабот бояд ба интихоби мундариҷа, усулҳо ба шакли таълим, усулҳои назорати давомоти хонанагон пешниҳод мегардад;

-нишон дод, ки дар кадом лаҳзаи дарс истифодаи усулҳо ба мақсад мувофиқ аст;

-муайянкунии шартҳои асосӣ барои истифодабарии таҷрибаи пешқадами педагогӣ аз ҷониби дигир омӯзгорон ва мураббиён бояд риоя гардад;

Ҳамин тариқ, барои ҷамъбасткунӣ ва паҳн намудани ТПП як омӯзгор дар сатҳои гуногун бояд он дар 3-4

муассисаи наздик ба объекти омӯхташаванда ва ё наздик ба он амалӣ гардонида мешавад, ки то кадом андоза кори ӯ ба раванди таълим таъсир мерасонад. Пас аз хулосаи зарурии мушовирони бахшу шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо ва Раёсати маорифи вилоят барои оммавӣ гардонидани он чораҳои зарурӣ андешида мешавад. Маводи ташвиқотию тарғиботӣ ба қадри кофӣ бояд чоп шавад, ки ҳади ақал барои омӯзгорони ҳамон фан як нусхаи он тариқи хаттӣ ва ё электронӣ дастрас гардонида шавад.

## Гӯшаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ

Яке аз воситаҳои дигари тарғибу ташвиқу ТПП ин ташкил намудани гушаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар муассиса ва берун аз он мебошад. Ба ин восита, фаъолияти се солаи объектро ҷамъбаст намуда, дар шакли расм, тасвир, ҷадвал, раванди машғулиятҳои амалӣ ва назариявӣ, ҳолати гирифтани мукофотҳои давлатӣ, иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва монанди инҳо нишон дода мешавад. Таъсиси чунин гушаҳо барои дигар омӯзгорон, ки ба курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, семинарҳои мақсадноку омӯзиши доимамалкунанда ва дигар чорабиниҳо даъват мешаванд, ба манфиат мебошад.

**ЗАМИМАҲО**

## Номгӯйи
## мавзуъҳои интихобӣ, ҷиҳати омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар асоси фанҳои таълимӣ ва кадрҳои роҳбарикунандаи муассисаҳои таълимӣ[4]

### Забон ва адабиёти тоҷикӣ

1. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии...;
2. Рушди салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ (иртиботӣ) дар дарсҳои забон ва адабиёти тоҷик;
3. Истифодаи аёниятҳо дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик;
4. Роҳҳои таълими зиндагиномаи адибон дар таълими фанни адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии...;
5. Роҳҳои гузаронидани кор бо матнҳо дар синфҳои 5-11 аз фанни забони тоҷикӣ.

### Таърихи халқи тоҷик

6. Истифодаи асарҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик;
7. Ташкил ва баргузор намудани санаҳои муҳими таърихӣ дар мисоли таҷрибаи пешқадами педагогии... зимни гузаронидани дарсҳои таърихи халқи тоҷик.

### Физика

8. Роҳҳои гузаронидани таҷрибаҳои физикӣ, корҳои амалӣ, лабораторӣ ва ҳалли масъалаҳо дар машғулиятҳои фанни физика;

---

[4].Чунон ки дар дастур зикр намудем мо танҳо як самти фаъолияти кори таълимии объекти омӯзишро мавриди омӯзиш қарор медиҳем. Мо метавонем таҷрибаи пешқадами педагогии гурӯҳи омӯзгорони фаннӣ ва ё коллективро омӯзем.

**Кадрҳо роҳбарикунанда**

9. Ҳолати ҳуҷҷату ҳуҷҷатнигории директори муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар асоси таҷрибаи пешқадами роҳбарии директори МТМУ №1-и шаҳри Хоруғ;
10. Раванди назорати дохилимуассисавӣ аз ҷониби директори муассисаи таълимӣ;
11. Роҳҳои муайян намудани сатҳу сифати дониши хонандагон дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии ҷонишини директор оид ба корҳои таълимӣ;
12. Усулҳои омӯзиш ва татбиқи амалишавии Консепсияи миллии тарбия дар мисоли таҷрибаи пешқадами педагогии муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ;
13. Банақшагирӣ ва омода намудани хонандагон ба олимпиадаҳои фаннии сатҳи ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ;
14. Тартиби ташкил ва гузаронидани маҳфилҳои фаннӣ;
15. Банақшагирӣ ва мақсадгузории фаъолияти иттиҳодияи методии фаннӣ;
16. Роҳҳои таҳлили дарси омӯзгорони фаннӣ (аз тарафи роҳбари иттиҳодия);
17. Тартиби фаъолияти кории роҳбари иттиҳодияи методӣ;
18. Роҳҳои банақшагирии чорабиниҳои иттиҳодияи методӣ;

**Методикаи таълими ибтидоӣ ва томактабӣ**

19. Тадбиқи низоми 10-холла арзёбӣ ба дониш, маҳорат ва малакаи хонандагон дар таълими фанни забони модарӣ ва математикаи синфҳои ибтидоӣ;
20. Тарзи гузаронидани ташхисҳои педагогию психологии равоншиносӣ бо хонандагоне, ки нуқсонҳои равонӣ ва ақлӣ доранд;
21. Усулҳои таълим ва омӯзиши интерактивӣ дар синфҳои ибтидоӣ;
22. Методикаи таълими меҳнат дар синфҳои ибтидоӣ;

### Химия ва биология

23. Тарзи гузаронидани машғулиятҳои беруназсинфӣ ва беруназмуассисавӣ дар таълими фанни химия ва биология;
24. Истифодаи технологияи иттилоотӣ дар раванди таълимии фанни биология;
25. Методикаи ҳалли масъалаҳои генетикӣ;

### Технологияи таълими меҳнат

26. Дидактика ва методикаи кор бо матоъ, чуб, филизот, пласмаса, хӯрока, коғаз ва ғайра;
27. Методикаи таълими меҳнат дар гурӯҳи духтарон;
28. Методикаи санъати тасвирӣ дар жанри пейзаж;
29. Усулҳои кашидану хондани нақшаҳои сохтмонӣ;

### Забони русӣ

30. Истифодаи усулҳои фаъоли таълим дар раванди дарсҳои фанни забони русӣ;
31. Роҳҳои рушд додани тафаккури интиқодӣ дар дарсҳои забони русӣ[5].

[5]. Ба монанди мавзуъҳои зерин низ дигар фанҳои таълимӣ бо ҳамин шакл мавзуъ ва ё самти омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ омӯхта ва паҳн карда мешавад.

**Номгӯйи ҳуҷҷатҳо**

1. Пешниҳоди мактуб аз муассиса ба мудири шуъбаи маориф ҷиҳати пешниҳоди беҳтарин омӯзгорони муваффақи шаҳру ноҳияҳо;
2. Розигии омӯзгори интихобшуда;
3. Қарор ва ё тавсияи ҷаласаи иттиҳодияи методии муассиса;
4. Пурсишнома (аз роҳбари иттиҳодияи методӣ ва 2-3 нафар омӯзгорони фаннӣ);
5. Қарори шурои методии муассиса;
6. Пурсишнома (аз роҳбари шурои методӣ);
7. Қарори шурои педагогии муассиса;
8. Пурсишнома аз раиси шурои педагогӣ барои фаъолияти омӯзгор;
9. Қарори шурои мудири кабинети методии шаҳр (ноҳия);
10. Пурсишнома аз мудири кабинети методӣ ва мушовири фаннии шуъбаи маориф;
11. Қарори шурои шуъбаи маорифи шаҳр (ноҳия);
12. Қарори ҷаласаи кафедра, ё шуъбае, ки дар он таҷрибаомӯз кор мекунад;
13. Қарори шурои илмӣ-методӣ ва ё педагогии муассисае, ки дар он таҷрибаомӯз кор мекунад;
14. Тасдиқи нақшаи дурнамои омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар шуро;
15. Ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои лозимаи омӯзгор: нусхаи шиноснома, диплом, намунаи нақшаи дарси яксоата, тақвимӣ, маърӯзаву мақолаҳо ва дигар корҳои эҷодии ӯ);
16. Баромад дар ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ, шурои методӣ, шурои педагогӣ, хонишҳои сиёсӣ, маърӯзаҳои мизи мудаввар ва конференсияҳо, сенарияи чорабиниҳои муассиса, дастурҳои методии ӯ, намунаи маводи дидактикӣ барои машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ, ҳолати дафтардорӣ ва тарзи нигоҳдории дафтари хонандагон, тарзи хонапурӣ намудани дафтари синфӣ ва дигар самти корӣ ба таври намуна нусхабардорӣ ва нигоҳ дошта шавад;
17. Хулосаи комиссияи тадорукоти филиал оид ба паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ (гурӯҳи корӣ аз рӯйи дастовардҳо муайян мекунад, ки таҷрибаи

пешқадами педагогӣ дар кадом сатҳ: муассисавӣ, ноҳия, шаҳр, вилоят ва ҷумҳурӣ) паҳн карда мешавад;

18. Қарори ҷаласаи кафедра оид ба ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ;
19. Қарори шурои илмӣ-методӣ оид ба ҷамъбасти ТПП.
20. Хулосаи комиссияи ташхис.

**Намунаи нақшаи дурнамои 3 солаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ**

«Тасдиқ мекунам»
Директори ФМДДҶТИБКСМ
дар ш.Кӯлоб_________Рустамшозода Шаҳбоз
аз «____»_________2024

Нақшаи
дурнамои омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №27-и ноҳияи Мир Сайид Алӣ Ҳамадонӣ, Олимов Маҳмад Пирович барои солҳои 2024-2027

**Соли 2024**

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муҳлати иҷро | Мавзуи объекти омӯхташаванда | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | -дарёфти объекти омӯхташаванда; -тасдиқи қарорҳои иттиҳодияи методӣ, шурои методӣ ва педагогӣ; -қарорҳои мудири кабинети методӣ, шурои шуъбаи маориф; -пурсишнома аз омӯзгорони фаннӣ, роҳбари иттиҳодияи методӣ, раиси шурои методӣ, раиси шурои педагогӣ, мудири кабинети методӣ, мушовири шуъбаи маориф; -қарори ҷаласаи кафедра, шурои илмӣ-методии филиали Донишкада; | Рустамшозода Ш.Р. | октябр-декабр | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 3 моҳа |

## Соли 2025

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муҳлати ичро | Мавзуи объекти омӯхташаванда | Шакли ичро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | -шиносоӣ бо кору фаъолияти объекти омӯхташаванда оид ба илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ;<br>-ҷамъоварии маълумот ва ҳуҷҷатҳои лозима, аз ҷумла:<br>-тавсифномаи директори муассиса;<br>-маълумотнома аз ҷойи кор;<br>-иштирок ба дарси объекти омӯхташаванда; | Рустам-шозода Ш.Р. | январ-март | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 3 моҳа |
| 2. | -таҳия намудани нақшаи дурнамои таҷрибаи пешқадами педагогӣ;<br>-таҳия намудани варақаи бақайдгирии ТПП;<br>-таҳлили дарси омӯзгор ва додани тавсияҳои методӣ;<br>-ташкил намудани дарси намунавӣ дар мавзуи «Кор бо матни тақриз»; | Рустам-шозода Ш.Р. | апрел-июн | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 6 моҳа |
| 3. | -таҳия намудани нақшаи яксоатаи дарсӣ аз фанни забони тоҷикӣ дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим;<br>-гузоштани мақсад ва салоҳиятҳо дар нақшаи дарси яксоата;<br>-иштирок ва баромади Олимов Маҳмад дар курси такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дар мавзуи «Методикаи таълими салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик»; | Рустам-шозода Ш.Р. | июл-сентябр | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 9 моҳа |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 4. | -роҳҳои гузаронидани ҳафтаҳои фаннӣ;<br>- таҳия намудани сенарияи Рӯзи забони давлатӣ;<br>-ташкили портфолиои объекти омӯхташаванда;<br>-ҷамъоварии нақшаи яксоатаи дарсӣ, нақшаи тақвимӣ, дарси кушод, маърӯза, баромад дар иттиҳодияи методӣ, хонишҳои педагогӣ, конференсияҳои илмӣ-назариявӣ, маводи дидактикӣ, дафтарҳои синфӣ, таҳлили дафтари хонанда, журналис синфӣ. | Рустам шозода Ш.Р. | октябр-декабр | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи солона |

## Соли 2026

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муҳла-ти иҷро | Мавзуи объекти омӯхташаванда | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | -ёрии методӣ бо омӯзгор дар самти истифодаи дурусти салоҳиятҳои забонӣ ва иртиботӣ дар раванди дарс<br>-мушоҳида ва натиҷагирии дарси объекти омӯхташаванда<br>-мақола дар бораи объекти омӯхташавандаи таҷрибаи пешқадам педагогӣ;<br>-иштирок ба дарс бо мақсади истифодаи УФТ дар дарс; | Рустам-шозода Ш.Р. | январ -март | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисобо-ти 3 моҳа |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 2. | **Семоҳаи дуюми соли 2026.**<br>-омода намудани муаррифнома дар шурои илмӣ-методӣ оид ба корҳои анҷомдодашуда;<br>-таҳия ва омода намудани дарси видиоӣ;<br>- | | апрел-июн | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисобо-ти 6 моҳа |
| 3. | -даромадан ба дарс бо мақсади истифодаи УФТ дар дарс;<br>-таҳияи саволномаҳои тестӣ барои фанҳои таълимӣ;<br>-омода намудани хонандагон ба озмунҳои шаҳри, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ;<br>-иштирок ба КТИ омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик. | | | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисобо-ти 9 моҳа |
| 4. | -кумаки методӣ дар самти омода намудани маърӯза ба машварати августӣ дар мавзуи «Тарзи истифодаи вақт дар асоси муносибати босалоҳият дар таълим»<br>-таҳияи видиоролик дар бораи самти фаъолияти кории объекти омӯхташаванда;<br>-ташвиқу тарғиби ТПП тари ВАО; | | | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисобо-ти солона |

## Соли 2027

| № | Номгӯйи чорабиниҳо | Шахси масъул | Муҳлати иҷро | Мавзуи объекти омӯхташаванда | Шакли иҷро |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | -арзёбӣ ва навъҳои он дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик;<br>-таҳия ва ба нашр расонидани мақолаҳо вобаста ба объекти омӯхташаванда;<br>-ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ[6]<br>-пешниҳоди ҳисоботи 3 моҳаи соли 2027. | Рустам-шозода Ш.Р. | январ -март | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 3 моҳа |
| 2. | -баргузор намудани семинари омӯзишӣ бо иштироки объекти омӯхташаванда бо шунавандагони КТИ;<br>-ҷамъбасти маълумоти ҷамъкардашуда ва коркарди илмии онҳо;<br>-истифодаи методологияи пешқадами объекти омӯхташаванда дар 2-3 муассисаи ноҳия;<br>-пешниҳоди ҳисоботи 6 моҳаи соли 2027. | | апрел-июн | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | Ҳисоботи 3 сола |
| 3. | -нашри мақола дар бораи объекти омӯхташаванда;<br>-қарори кафедра ва шурои илмӣ-методӣ дар бораи ҷамъбасти ТПП; | | июл-сентябр | Истифодаи муносибати босалоҳият зимни таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик дар асоси | Ҳисоботи 9 моҳа ва 3 солаи омӯзиш |

[6].Шаклҳои гуногуни тарғибу ташвиқ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ маъмул аст. Аз ҳама муҳим ва дастраси дигарон шудани он муҳим аст, ки аз инҳо иборатанд: намоишӣ, нашри мақолаҳо дар ВАО, дарсҳои видиоӣ ва паҳн намудани он, ташкили албом, дастурҳои таълимӣ-методӣ, ҷойгир намудан дар сомона, сохтани пайкараи объекти омӯзиш дар интернет ва ғайра.

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | -омода намудани хулосаи комиссияи ташхис вобаста дар кадом сатҳ омӯхтани ТПП;<br>-омода намудани маърӯзаи илмӣ дар мавзуи «Нақша ва дурнамои таълим: салоҳиятҳои забонӣ ва коммуникативӣ дар раванди таълим», зимни гузаронидани машварати августӣ;<br>-сохтани пайкараи объекти таҷибаи пешқадами педагогӣ дар интернет;<br>-ҷамъбасти таҷрибаи пешқадам ва паҳн намудани он; | | | таҷрибаи пешқадами педагогии объекти омӯхташаванда | |

Мураттибон:
Директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии
такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони
соҳаи маориф дар шаҳри Кӯлоб: Рустамшозода Шаҳбоз

Омӯзгори калони кафедраи методикаи
таълим дар муассисаҳои томактабӣ
ва миёнаи умумии филиали Донишкада
дар шаҳри Кӯлоб Абдулоев Нусратуло

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон

735360, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи Ҳамадонӣ 5, тел: (83322) 2-59-35,
Email: filiali-dti-kulob@internet.ru

№_____ аз ____ _______ соли 2024

Ба мудири шуъбаи маорифи ноҳияи
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ
муҳтарам Саидмуминзода Муқаддас

Маъмурияти филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон аз ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва дастгириҳои пайвастаатон арзи сипос намуда, изҳори миннатдорӣ баён менамояд.

Ба маълумоти Шумо эҳтиромона мерасонем, ки яке аз самтҳои асосии фаъолияти ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои минтақа мебошад.

Аз ин рӯ, бо назардошти гуфтаҳои боло аз Шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати интихоби омӯзгорони фаъол ҳамчун объекти омӯзиш рӯйхати омӯзгорони пешқадами фаннии ноҳияро ба мо ирсол намоед.

Қаблан барои дастгириҳои доимиатон арзи сипос менамоем!

Бо эҳтиром,
директор Рустамшозода Шаҳбоз

Ба раиси шурои илмӣ-методии филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Кӯлоб н.и.ф., дотсент,
Рустамшозода Шаҳбоз Рустамшо
аз номи омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики
МТУА №26-и ноҳияи Муъминобод
Қурбонов Абдусамад Муҳмадович

**РИЗОИЯТ**

Ман, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович, омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики МТУА №26-и ноҳияи Муъминобод розигии худро ҷиҳати омӯхтан ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами худ ба мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар шаҳри Кӯлоб Умаров Саидшо Рустамович дар мавзуи "Тадбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанни забон ва адабиёти тоҷик" медиҳам.

Омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики
МТМА №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов А.М.

Тел: +992 200 26 58 58
Қурбонов Абдусамад

# I. НАМУНАИ ҚАРОРҲО АЗ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ
## 1.1. Намунаи қарори ҷаласаи иттиҳодияи методии фаннӣ

**Қарори**

ҷаласаи иттиҳодияи методии омӯзгорони забонҳо
Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи
Муъминобод

аз «____» _____2024 №____

Иштирок намуд: ____ нафар
*(Ному насаби омӯзгорон)*

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1.Ҳисоботи роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони забонҳо дар бораи фаъолияти иттиҳодияи методӣ;
2. Мавриди омӯзиш қарор додани фаъолияти кории омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, Қурбонов Абдусамад;
3. Масъалаҳои ҷорӣ...

Аз рӯи масъалаи якум и.в.роҳбари иттиҳодияи методии фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Моҳираи Ҷурахон фаъолияти иттиҳодияи методиро дар солҳои таҳсили 2023-2024 ҷамъбаст ва вазифаҳоро дар соли таҳсили 2024-2025 ба миён гузошт.

Аз ҷумла қайд намуд, ки дар соли ҷорӣ 3 нафар омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ва алифбои ниёгон, забони русӣ ва забони англисӣ дар иттиҳодия шомил буданд. Мувофиқи нақшаи кории иттиҳодияи методӣ ҳар як омӯзгор бо мавзуъҳои методӣ баромад намуданд. Аз тарафи омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар давоми сол 5 дарси намунавӣ ташкил ва гузаронида шуд, ки дар он омӯзгорони ҷавон иштирок намуданд, то маҳорати касбии хешро беҳтар намоянд.

Аз рӯи ин масъала омӯзгорон Моҳираи Ҷурахон ва Аҳтамзода Амирҷон баромад намуда, кори роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷикро қаноатбахш арзёбӣ намуданд.

Аз рӯи масъалаи дуюм и.в., роҳбари иттиҳодия Моҳираи Ҷурахон баромад намуда, қайд намуд, ки мо омӯзгорони

фанҳои забон ва адабиёти тоҷик, забони русӣ ва забони англисӣ пешниҳод мекунем, ки дар соли 2024-2025 таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷики муассиса, Қурбонов Абдусамад мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

Қурбонов Абдусамад Муҳмадович таҷрибаи кории 40 сола дошта, яке аз омӯзгорони беҳтарини фанҳои забон ва адабиёти тоҷик дар муассиса ба шумор меравад. Ӯ дарсҳояшро аз рӯи барномаи салоҳиятнокӣ гузашта, аз воситаҳои аёнӣ ва техникӣ истифода мебарад.

Муаллим, Моҳираи Ҷурахон қайд намуд, ки Қурбонов Абдусамад солҳои зиёд шуд, ки бо меҳнати самарабахши худ дар байни коллективи омӯзгорон ва хонандагон, падару модарон соҳиби эҳтиром гардидааст. Дар соли сипаришуда, мо омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик ба 5 соат дарси омӯзгор даромада, мушоҳида кардем, ки асбобҳои аёниро омӯзгор дар дарс бо маҳорати хеле хуб истифода кард.

Ҷаласаи иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик баромад ва дархости омӯзгоронро ба инобат гирифта,

Пешниҳод намуд:

1. Пешниҳоди омӯзгорони фанни забон ва адабиёти тоҷик дар бораи мавриди омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад, аз ҷониби Умаров Саидшо Рустамов, мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб ба инобат гирифта шавад.
2. Омӯзгор вазифадор карда мешавад, ки барои омӯзиш ва паҳн намудани ТПП маълумоти зарурироба таҷрибаомӯз дастрас намояд;
3. Барои сабти дарсҳои видиоӣ чораҳои амалӣ андешад;
4. Назорати иҷрои қарори мазкур, ба зиммаи котиби ҷаласа Аҳтамзода Амирҷон гузошта шавад.

Раиси ҷаласа: Моҳираи Ҷурахор

Котиби ҷаласа: Аҳтамзода Амирҷон

## 1.2. Намунаи қарори ҷаласаи шурои методии муассисаи таълимӣ

**Қарори**

ҷаласаи шурои методии муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26
ноҳияи Муъминобод

аз «_____» ______2024 №____

Иштирок дошт: ___нафар
*(Ному насаби омӯзгорон)*

**Рӯзномаи ҷаласа:**

1. Ҳисоботи роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони муассиса дар бораи иштирок ба дарсҳои омӯзгорон ва вобаста намудани мутахассисони ҷавон ба омӯзгорони ботаҷриба.
2. Пешниҳоди роҳбарони иттиҳодияи методии омӯзгорони забонҳо дар бораи мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами омӯзгорон.
3. Масъалаҳои ҷорӣ...

Аз рӯи масъалаи якуми рӯзномаи ҷаласа роҳбарони иттиҳодияҳои методии фаннӣ дар бораи иштирок ба дарсҳои омӯзгорон, вобаста намудани мутахассисони ҷавон ва расонидани ёрии методӣ ба онҳо баромад намуданд (маълумотнома замима мегардад).

Аз рӯи масъалаи дуюм раиси шурои методии муассиса Раҷабов Нусратулло Ҳамидович баромад намуд. Вай дар баромадаш қайд намуд, ки ба шурои методии муассиса пешниҳоди иттиҳодияи методии забонҳо дар бораи мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад ирсол гардидааст. Фаъолияти кории омӯзгор Қурбонов Абдусамадро маъмурияти муассиса хуб медонад. Аз тарафи омӯзгори номбурда таи чанд соли охир дарсҳои

намунавӣ ташкил карда шуда, шогирдонаш дар озмунҳои муассиса ва чорабиниҳо иштироки фаъол дошта, дар байни омӯзгорон, хонандагон ва падару модарон эътибор доранд. Қурбонов Абдусамад дар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ иштирок намуда ҷойҳои намоёнро ишғол намудааст.

Ҳамзамон, дар маҷаллаю рӯзномаҳои даврӣ мақолаҳои таълимӣ, илмӣ ва методӣ чоп намудааст. Самти интихобкардаи омӯзгор қобили қабул мебошад. Шурои методии муассиса пешниҳоди иттиҳодияҳои методии омӯзгорони забонҳоро дар масъалаи зикршуда дастгирӣ мекунад.

Аз ин лиҳоз, Шурои методии муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26 пешниҳоди роҳбари иттиҳодияи методии забонҳоро дар бораи мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами педагогӣ ба инобат гирифта, аз директори муассиса хоҳиш мекунад, ки масъалаи мазкурро ба шурои педагогии муассиса баррасӣ ва дастгирӣ намоянд.

Ҷаласаи шурои методии муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод аз рӯи масъалаҳои муҳокимашуда,

**Пешниҳод мекунад:**

1. Ҳисоботи роҳбарони иттиҳодияҳои методии омӯзгорони муассиса дар бораи иштирок ба дарсҳои омӯзгорони ҷавони муассиса ва расонидани ёрии методӣ, ба инобат гирифта шавад;
2. Дархости шурои методии муассиса дар бораи мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад ба шурои омӯзгорони муассиса пешниҳод карда шавад.

Раиси ҷаласа: Раҷабов Нусратулло
Котиби ҷаласа: Гадоева Нозгул

## 1.3.Намунаи қарори ҷаласаи шурои педагогии муассисаи таълимӣ

**Қарори**

шурои омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод

аз «_____» ______ 2024 № ____

Иштирок кард: ____ нафар
Иштирок надошт:___ нафар

**Рӯзномаи шуро:**

1. Таҳлили фаъолияти кории омӯзгорон дар соли таҳсили 2023-2024 ва вазифаҳо дар соли таҳсили 2024-2025;
2. Тасдиқи нақшаҳои фаъолияти муовинони директор, роҳбари созмони хонандагон, иттиҳодияҳои методӣ, гурӯҳи идоракунии сифати таҳсилот ва омӯзгорони фаннӣ;
3. Оид ба пешниҳоди шурои методии муассиса дар бораи мавриди омӯзиш қарор додани таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад (гузориши роҳбари шурои методии муассиса, замима мегардад);
4. Масъалаҳои ҷорӣ...

Аз рӯи масъалаи якум директори муассиса баромад намуда, фаъолияти омӯзгорон ва роҳбарони бахшҳои муассисаро дар соли таҳсили сипаришуда баррасӣ намуда, муваффақият ва дастовардҳои омӯзгорон ва хонандагонро дар самти таълим баён намуд. Ҳамчунин, ба омӯзгороне, ки дар давоми сол фаъолияти пурсамар доштанд сипоснома ва ифтихорномаҳо супорид.

Аз рӯи масъалаи дуюм муовини директор оид ба корҳои таълимии муассиса баромад намуда, ба роҳбари муассиса ҳисобот пешниҳод намуд, ки нақшаҳои фаъолияти омӯзгорони муассиса пурра таҳия карда шуда, аз тарафи раиси шурои методии муассиса ва роҳбарони иттиҳодияҳои методӣ тасдиқ шуда, ба директори муассиса барои тасдиқ пешниҳод карда шуд.

Аз рӯи ин масъала раиси шурои методии муассиса Раҷабов Нусратулло баромад намуда, оид ба фаъолияти

омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад маълумот дода, пешниҳоди шурои методии муассисаро ба саҳми коллективи омӯзгорон расонид. Ӯ дар баромадаш қайд намуд, ки таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад байни омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷики муассиса мавриди омӯзиш қарор дода шуда, паҳн карда шавад. (қарори ҷаласаи иттиҳодияи омӯзгорони забонҳо ва шурои методии муассиса замима мегардад)

Аз рӯи масъала омӯзгорон баромад намуда, пешниҳоди шурои методиро дастгирӣ намуда, таклиф намуданд, ки протоколи ҷаласаи шӯрои педагогии муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26 барои ба расмият даровардан ба шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод пешниҳод карда шавад.

Шурои омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26 ноҳияи Муъминобод

**Қарор мекунад:**

1. Пешниҳоди раиси шурои методии муассиса дар бораи омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад ба инобат гирифта шавад;
2. Таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Қурбонов Абдусамад мавриди омӯзиш қарор дода шавад;
3. Раиси шурои методии муассиса вазифадор карда шавад, ки дар якҷоягӣ ба омӯзгорони муассиса ба дарсҳои омӯзгорон иштирок намуда, баъди омӯзиш дар бораи фаъолияти омӯзгор ва натиҷаи кори самарабахши ӯ дар кабинети методӣ, ё хонаи омӯзгорон гӯшаи алоҳида ташкил намоянд;
4. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълим Раҷабов Нусратулло гузошта шавад.

Раиси шуро: Холиқов Сайфулло

Котиби шуро: Қурбонов Одина

**Намунаи тавсифномаи объекти омӯхташаванда**

**ТАВСИФНОМА**

дода шуд ба омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович, соли таваллудаш 14.11.1971, миллаташ тоҷик, оиладор, аъзои ҲХДТ

Қурбонов Абдусамад Муҳмадович соли 1989 ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик ва алифбои ниёгон дар муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод ба кор қабул гардид. Аз рӯзҳои аввали фаъолияти кориаш ҳамчун омӯзгори эҷодкор, навовар, фаъол ва дар ҷустуҷӯйи методу усулҳои нави таълим намудор мегардид.

Қурбонов Абдусамад Муҳмадович дар баробари тарбияи шогирдон, ба дигар омӯзгорони муассисаи номбурда ёрии методӣ мерасонад. Дониши шогирдони ӯ аз фанҳои таълимӣ хеле хуб буда, рафтору одоби намунавӣ доранд ва дар чорабиниҳои сатҳи муассисавӣ ва ноҳиявӣ иштироки фаъолона доранд.

Номбурда ба фаъолияти шоирӣ машғул буда, шеърҳояш дар рӯзномаю маҷаллаҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ пайваста нашр мешаванд. Маҷмуаи шеърҳои худро бо номи “Манзари чашм” (-Душанбе: -2019, 96 саҳ.) чоп намуд, ки фарогири шеърҳо, ғазалҳо ва силсилашеърҳои “Модарнома” мебошад. Эҷодиёташ фарогири мавзуъҳои Ватан, модар, ишқ, табиат ва зиндагӣ мебошад. Шеъри тозаэҷодаш бо номи “Пайравони Пешвои миллатем” дар байни хонандагони муассиса машҳур буда, дар чорабиниҳои пагоҳирӯзӣ аз тарафи хонандагон садо медиҳад.

Қурбонов Абдусамад Муҳмадович тайи солҳои охир вазифаи роҳбари иттиҳодияи методии омӯзгорони фанҳои забонҳои муассисаро ба ӯҳда дорад, ки дар давраи фаъолияташ аз тарафи якчанд омӯзгор шомили иттиҳодия, дарсҳои намунавӣ ва озмунҳои фаннӣ гузаронида шуд. Ҳамчунин, дар ҷаласаҳои иттиҳодияи методӣ ба омӯзгорони

ҷавон тавсияҳои методӣ дода, пайваста аз рафти дарси онҳо назорат мекунад.

Инчунин, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович дар машваратҳои августии омӯзгорон дар байни омӯзгорони фанҳои забон ва адабиёти тоҷик бо маърузаҳои методӣ баромад намуда, аз таҷрибаи беҳтарини педагогони ватанию хориҷӣ мисолҳо меорад, ки ин боиси таҳсину офарин мегардид.

Дар баробари ин, кору фаъолияташ боз бо рӯзномаи ноҳиявии "Субҳи меҳнат"-и ноҳия назаррас буда, дар он ҳамчун мухбири ғайрибастӣ фаъолият менамояд. Мақолаҳояш пайваста дар рӯзномаи "Субҳи меҳнат" ва маҷаллаи "Маорифи Тоҷикистон" нашр мегарданд, ки онҳо ҳам характери таълимӣ, методӣ ва сиёсӣ доранд.

Коллективи омӯзгорони муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод ба Қурбонов Абдусамад Муҳмадович боварии калон дошта, аз ӯ доимо маслиҳатҳои методӣ мепурсанд. Ӯ дар байни ҳамкорони худ обурӯю эҳтироми хосса дорад.

Ҳангоми гузаронидани иду ҷашнҳои миллию сиёсӣ сенарияҳои гузаронидани чорабиниҳоро низ таҳия намуда, бо омӯзгорон пайваста ҳамкорӣ менамояд. Робитаи корияш бисёр хуб ба назар мерасад ва ба ҳамаи ҳамкорони худ муносибати хуби ҳамкорӣ дорад.

Ҳамаи ин қобилиятҳои хуби кориашро маъмурияти муассиса ба назар гирифта бо Ифтихорномаҳо сазовор гардонидааст.

Бо боварӣ гуфта метавонам, ки Қурбонов Абдусамад Муҳмадович яке аз мутахассисони хуби соҳаи забон ва адабиёти тоҷик буда, барои тарбияи хуби насли наврас саҳми сазовор мегузорад.

Тавсифнома ба ҷойи лозимӣ пешниҳод мегардад.

Директори МТМУ №26-и
ноҳияи Муъминобод Холиқов Сайфулло

## Намунаи шарҳи ҳоли объекти омӯхташаванда

Ман, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович 7-уми июли соли 1961 дар деҳаи Боғгаии Ҷамоати деҳоти Боғгаии ноҳияи Муъминобод, дар оилаи коргар ба лунё омадаам. Соли 1968 ба Мактаби (ҳоло Муассиса) миёнаи №17-и ноҳияи Муъминобод ба синфи якум қабул шудам. Муассисаи номбурдаро соли 1978 хатм намудам.

Соли 1979 ба факултети забон ва адабиёти тоҷики Институти педагогии шаҳри Кӯлоб (ҳоло Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ) дохил шуда, Муассисаи мазкурро соли 1984 бо ихтисоси муаллими фанни забон ва адабиёти тоҷик хатм намудам.

Фаъолияти меҳнатиамро соли 1984 бо роҳхати Вазорати маорифи халқи РСС Тоҷикистон (ҳоло Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба ноҳияи Ғарм (ҳоло Рашт) ба кор рафта, дар мактаби миёнаи №28-и деҳаи Кочон шуруъ намудам.

Соли 1986 мудири қисми илмии мактаби миёнаи №40-и ноҳияи номбурдаро ба уҳда доштам.

Соли 1988 ба зодгоҳи худ деҳаи Боғгаӣ баргаштам. Дар муассисаи №49 то соли 1998 кор намудам. Соли 1998 ба муассисаи №17-и ноҳия ба кор гузаштам. Соли 2007 аз муассисаи нормбурда ба муассисаи навташкили №26 фиристода шудам.

Чанд муддат мухбири Рӯзномаи "Субҳи меҳнат"-и ноҳияи Муъминобод шуда кор кардам. Солҳои 2016-2021 корманди маркази дарёфт ва рушди истеъдодҳои ноҳия шуда кор кардам. Аз соли 2021 то инҷониб дар Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ҳамин ноҳия кору фаъолият намуда истодаам.

Дар давоми собиқаи кориам соҳиби чандин ифтихорномаҳо ва сипосномаҳо аз тарафи шуъбаи маорифи ноҳия, раиси ноҳия, Раёсати маорифи вилоят, Вазорати маориф ва рӯзномаи "Омӯзгор" гардидаам.

Соли 2017 дар озмуни "Тафсири ғазали Ҳофиз ва Лоҳутӣ", ки бо ташаббуси рӯзномаи "Омӯзгор" гузаронида

шуд сазовори ҷойи сеюм гардидам ва бо ифтихорномаи рӯзномаи “Омӯзгор” қадрдонӣ гардидам.

Майлу рағбатам ба фаъолияти шоирӣ зиёд буда, шеърҳоям дар рӯзномаи “Субҳи меҳнат”-и ноҳияи Муъминобод ва сомонаҳои иҷтимоӣ пайваста нашр мешаванд. Маҷмуаи шеърҳои худро бо номи “Манзари чашм” (- Душанбе: 2019, 96 саҳифа) чоп намудам, ки фарогири шеърҳо, ғазалҳо ва силсилашеърҳои “Модарнома” мебошад. Эҷодиётам фарогири мавзуҳои ватан, модар, ишқ, табиат ва зиндагӣ мебошад.

Аълочии матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳастам.

Оиладор соҳиби шаш фарзанд мебошам.

Қурбонов Абдусамад Муҳмадович ______________

«_____» ______ 2024с.

# II. НАМУНАИ ҚАРОРҲО АЗ ШУЪБАИ МАОРИФ

## 2.1.Намунаи қарори ҷаласаи шурои методии шуъбаи маориф

**Қарори**

шурои методии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод

аз «_____» ______ 2024 № ____

Иштирок кард: ____ нафар

Иштирок надошт:___ нафар

**Рӯзномаи шуро**

Дар бораи омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов Абдусамад Муҳмадович.

Аз рӯи масъалаи зикршуда роҳбари кабинети методии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод Холов Хуршед аз таҷрибаи пешқадами Қурбонов Абдусамад Муҳмадович гузориш дода, таъкид намуд, ки омӯзгор дар муддати 40 соли фаъолияти омӯзгорӣ

ба муваффақиятҳои назаррас соҳиб гардидааст. Вай таҷрибаи бойи омӯзгорӣ дошта, аз технологияҳои муосири таълимӣ истифода мебарад.

Бинобар ин, пешниҳод менамоям, ки таҷрибаи пешқадами педагогии Қурбонов Абдусамад Муҳмадович барои омӯзиш ба нақша гирифта, барои амалӣ намудани вай ҷиҳати тасдиқ ба шурои шуъбаи маориф пешниҳод карда шавад.

Баромад намуданд:

1.______________________________________________

2.______________________________________________

3.______________________________________________

4.______________________________________________

Хулосаҳои худро иброз дошта, таклиф менамоянд:

Ҷаласаи кабинети методии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии №26-и ноҳия Қурбонов Абдусамад Муҳмадович,

**Қарор мекунад**

1.Ҷаласаи кабинети методии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷики МТМА №26-и ноҳия Қурбонов Абдусамад Муҳмадовичро маъқул шуморид;

2.Қарори мазкур барои баррасӣ шудан ва тасдиқ ба шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод пешниҳод карда шавад;

3.Назорат ва иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кабинети методии шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод Холов Хуршед вогузор карда шавад.

Раиси ҷаласа: Холов Хуршед

Котиби ҷаласа: Одинаева Таманно

## 2.2.Намунаи қарори ҷаласаи шурои шуъбаи маориф

**Қарори**

шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии
ноҳияи Муъминобод

аз «_____» ________ 2024 №______

Дар бораи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов Абдусамад Муҳмадович

Шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод масъалаи мазкурро баррасӣ намуда, қайд намуд, ки омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳия Қурбонов Абдусамд Муҳмадович бо фаъолияти 40 солаи педагогиаш тавонистааст, ки дар рушди соҳаи маориф ва тайёр намудани мутахассисони сатҳи ҷумҳурӣ саҳми арзанда дорад. Номбурда дар озмунҳо ва чорабиниҳои ҷумҳуриявӣ баромад намуда, соҳиби ифтихорномаю сипосномаҳо гардидааст. Ҳамчунин, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович ба фаъолияти шоирӣ машғул буда, маҷмуаи шеърҳои худро бо номи “Манзари чашм (маҷмуаи шеърҳо)” (-Душанбе, 2019. – 96 саҳ.) чоп намудааст.

Шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод масъалаи пешниҳодшударо баррасӣ намуда,

**Қарор кард:**

1.Қарори шурои методии кабинети дастурдиҳии назди шуъбаи маориф “Оид ба паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанҳои забон ва адабиёти тоҷик Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳия Қурбонов Абдусамад Муҳмадович” ба инобат гирифта шавад.

2.Таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-

и ноҳия Қурбонов Абдусамад Муҳмадович дар миқёси ноҳия ва вилоят паҳн карда шавад.

3.Аз филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Кӯлоб хоҳиш карда мешавад, ки қарори мазкурро дастгирӣ намуда, таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳия Қурбонов Абдусамад Муҳмадович дастраси дигар омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру ноҳияи минтақа гардонанд.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кабинети методӣ (Холов Хуршед), вогузор карда шавад.

Раиси шурои шуъбаи маориф: Шарифов Сафар
Котиби шурои шуъбаи маориф: Холов Хуршед

## III. НАМУНАИ ҚАРОРҲО АЗ ФМДДҶТИБКСМ ДАР ШАҲРИ КӮЛОБ

### 3.1.Намунаи қарори ҷаласаи кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ

**Қарори**

ҷаласаи кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон

аз «______»________ 2024 №____

Дар бораи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод Қурбонов Абдусамад Муҳмадович

Ҷаласаи кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон масъалаи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи

таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадовичро муҳокима намуда,

**Қарор мекунад:**

1.Қарори шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод, ҷиҳати омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович маъқул шуморида шавад;

2.Аз шурои илмӣ-методии филиали Муассисаи давлатии "Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф" дар шаҳри Кӯлоб хоҳиш карда мешавад, ки қарори мазкурро ҷиҳати паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадовичро дастгирӣ намоянд;

3.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб, Умаров Саидшо вогузор карда шавад.

4.Аз шурои илмӣ-методии филиали Донишкада хоҳиш мекунем, ки қарори мазкурро дастгирӣ намоянд.

Раиси ҷаласа: Умаров Саидшо
Котиби ҷаласа: Каримова Муниса

## 3.2.Намунаи қарори ҷаласаи шурои илмӣ-методии ФМДДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб

**Қарори**

шурои илмӣ-методии филиали Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»
дар шаҳри Кӯлоб

аз «____» ________ 2024 №____

Дар бораи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович

Шурои илми методии филиали Муассисаи Давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон, масъалаи паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики муассисаи таҳсилоти асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадовичро муҳокима намуда,

**Қ А Р О Р М Е К У Н А Д:**

1. Қарори шурои шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Муъминобод «Оид ба паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷики Муассисаи таҳсилоти умумии асосии №26-и ноҳияи Муъминобод, Қурбонов Абдусамад Муҳмадович ба инобат гирифта шавад;
2. Мудири кафедраи методикаи таълими фан дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ (Умаров Саидшо) вазифадор карда шаванд:

2.1.Дар асоси талаботи Низомномаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ объекти интихобшударо мавриди омӯзиш қарор дода шавад;

2.2.Таҷрибаи пешқадами Қурбонов А.М. бо иҷро гардидани манбаи маълумот, ҳолати ҳуҷҷатдорию ҳуҷҷатнигории ӯ, фаъолияти илмӣ-таълимӣ ва дигар корҳое, ки Низомнома муайян намудааст, омӯхта шавад;

Ҳар се моҳа оид ба корҳои анҷомдодашуда ба маъмурияти филиали Донишкада ҳисобот пешниҳод намоянд.

3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ Махтубова Ситорамо ва мудири кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумӣ Умаров Саидшо вогузор карда шавад.

Раиси шуро: Рустамшозода Шаҳбоз
Котиби шуро: Меҳрангез Исохонзода

### 3.3.Намунаи фармоиши муассиса дар бораи омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ

ФАРМОИШИ
ДИРЕКТОРИ ФИЛИАЛИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ» ДАР ШАҲРИ КӮЛОБИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

аз «22» октябри соли 2024 №9 ш. Кӯлоб

Дар бораи тасдиқи рӯйхати объектҳои интихобшудаи омӯзиш, паҳн намудан ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони филиал

Бо мақсади дарёфт, омӯзиш, паҳн намудан ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таълимӣ мутобиқи банди 17-и Низомномаи филиали Муассисаи давлатии “Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф” дар шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон (қарори шурои олимони Муассисаи давлатии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, аз 28.10.2024, №10/5),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Рӯйхати омӯзгорони филиал ва объектҳои омӯзиш, паҳн намудан ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ки аз ҳисоби омӯзгорони соҳибтаҷрибаи муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон интихоб гардидаанд, тасдиқ карда шавад (рӯйхат замима мегардад).

2. Мудири шуъбаи таълим Аминов Саидакбар ва мудирони кафедраҳо Умаров Саидшо, Раҷабова Сурайё вазифадор карда мешаванд, ки бо омӯзгорони филиал ҳамкории зичро ба роҳ монда, дар пешбурди масъалаи мазкур мусоидат намоянд.

3. Муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ Махтубова Ситорамо уҳдадор карда мешавад, ки саривақт ва дар муҳлатҳои муқарраршуда супоридани ҳисоботҳоро вобаста ба масъалаи мазкур мавриди пайгирӣ ва назорат қарор диҳад.

4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълимӣ ва илмӣ-методӣ Махтубова Ситорамо гузошта мешавад.

Директор Рустамшозода Шаҳбоз

Муовини директор оид ба корҳои<br>таълимӣ ва илмӣ-методӣ ____________ Махтубова С.М.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва котибот _______Холов М.Ф.

Шуъбаи таълим ____________ Аминов С.Ҳ.

## IV. НАМУНАИ ПУРСИШНОМА АЗ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ

Пурсишнома
оид ба фикру мулоҳиза барои омӯзиши таҷрибаи
пешқадами педагогӣ

Таърихи рӯз
________________________________________________________

Ному насаб_____________________________________________

